**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**

**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С. ____________**

**«_8_» ____________ соли 2025**

## ХУЛОСАИ
## ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи номзадии Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид дар мавзуи «Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ: назария, қонунгузорӣ ва татбиқи он дар амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид соли 2014 ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ихтисоси ҳуқуқшиносии умумӣ дохил шуда, онро бо дипломи аъло соли 2019 хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 01 феврали соли 2020 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносӣ қабул шуда, онро бо фармоиши ректори Донишгоҳ аз 19 декабри соли 2023 №510-05 хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2022 №10 (21-22) тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Сафарзода Анвар Ислом, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ соли 2025, №32 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 04 апрели соли 2025 №8 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид дар мавзуи «Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ: назария, қонунгузорӣ ва татбиқи он дар амалия» чунин хулоса қабул карда шуд:

1. **Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид дар мавзуи «Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ: назария, қонунгузорӣ ва татбиқи он дар амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносӣ омода шудааст.

2. **Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва

муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: «Масъалаҳои муҳими назариявӣ ва амалии қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои солҳои 2020-2025» алоқаманд мебошад.

**3. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 8 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои нашргардидида, фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**4. Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ бо таҳия ва баррасии масъалаҳои мубрами асосҳои назариявии таснифи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ муайян мегардад. Дар доираи таҳқиқот андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ доир ба масъалаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва татбиқи амалиявии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мавриди таҳлилу хулосабарорӣ қарор дода шудаанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳо, тавсияҳо ва пешниҳодҳои дар доираи он таҳияшуда метавонанд дар фаъолияти амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла, мақомоти судӣ истифода шаванд. Ин хулоса ва тавсияҳо метавонанд дар раванди таҳия ва қабул кардани қарорҳои дахлдори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мазкур мавриди истифода қарор гиранд. Инчунин, маводҳои диссертатсия ҳангоми тартибдиҳии барномаҳо, китобҳои дарсӣ,

лексияҳо ва таҳияи курсҳои махсус дар муассисаҳои таълими ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун асос хизмат карда метавонанд.

**5. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Рисолаи номзадии Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид дар мавзуи «Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ: назария, қонунгузорӣ ва татбиқи он дар амалия» мубрам ба ҳисоб рафта, барои илми ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳаммияти муҳими назариявӣ ва амалӣ дорад.

Навгонии илмии таҳқиқи мазкур, пеш аз ҳама, дар хулоса ва пешниҳодҳое зоҳир мегардад, ки муаллиф барои ҳимоя пешниҳод намудааст. Таҳқиқоти мазкур яке аз аввалин таҳқиқоти мукаммали илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад, ки ба баррасии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бахшида шудааст. Дар натиҷаи таҳлилу омӯзиши ҳамаҷониба ва амиқи масъалаҳои интихобшуда, муаллиф хулосаҳои нав ва пешниҳодҳои мушаххасро манзур намудааст, ки барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва такмили қонунгузории амалкунанда аҳаммияти назаррас доранд. Масалан:

1. Таҳлилу баррасии мавзуъ собит менамояд, ки таърифи мафҳумҳои “принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ”, “принсипҳои Қонуни ҷиноятӣ” дар қонунгузории ҷиноятӣ муайян нагардидааст, ки мушкилоти танзими ҳуқуқӣ ва татбиқиро ба вуҷуд меорад. Вобаста ба ин, мо таърифҳои ин мафҳумҳоро тавассути истихроҷ ва таҳлили хусусиятҳои хоси онҳо баррасӣ менамоем, ки зарурати дар қонунгузорӣ муқаррар гардидани онҳо мавҷуд мебошад.

2. Асоснок карда шудааст, ки дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба таснифи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ягонафикрӣ вуҷуд надорад. Ба андешаи мо, дурусттарин таснифот чунин мебошад, ки инъикоси пешакии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятиро дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷассум менамояд. Дар заминаи таҳлили назариву амалӣ оид ба масъалаи низоми ғояҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ муаллиф пешниҳод

менамояд, ки ба ин низом бояд принсипи қонуният, принсипи баробарии ҳама дар назди қонун, принсипи гунаҳгорӣ, принсипи адолат, принсипи инсондустӣ, принсипи ногузирии ҷавобгарии ҷиноятӣ, дохил карда шаванд.

3. Татбиқи принсипи қонуният дар соҳаи қонунгузорӣ талаб мекунад, ки қонунгузор бояд тафовути байни рафтори ҷиноятӣ ва ғайриҷиноятиро аниқ муайян намояд, то ки татбиқи қонунро дуруст ва якхела таъмин намояд. Риояи ин принсип, инчунин муқаррароти қонунгузории ягонагии амалияи таъини ҷазоро дар назар дорад. Ва ин ба тавзеҳоти таҳримҳо, ворид кардани муқаррароти нав дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи асосҳои ҳатмии сабук ё зиёд кардани шиддати ҷазо ва ғайра вобаста аст.

4. Исбот карда шудааст, ки муқаррароти авф ва бахшиши ҷазо ба принсипи ногузирии ҷавобгарӣ мухолифат намекунанд, зеро аз рӯи анъанаи муқарраргардида амалҳои авф ва бахшиши ҷазо аз ҷониби мақомоти олии давлатие, ки бо баровардани қонунҳое, ки ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ менамоянд, қабул карда мешаванд, илова бар ин, онҳо дар ҳолатҳои истисноӣ ва нисбатан кам бароварда мешаванд. Ҳамзамон, набудани асосҳои моддӣ- ҳуқуқии дар қонун тавсифшуда ва тартиби муқарраргардидаи татбиқи ин амалҳо, ҳам дар доираи ҷиноят ва ҳам дар доираи шахсон, татбиқи принсипи ногузирии ҷавобгариро номувофиқ (бенизом) мегардонад. Ҳолатҳои номбаршуда камбудии муқаррароти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ буда, такмили минбаъдаи матни м. 82, 83 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ро тақозо мекунанд.

Диссертатсияи Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид дар мавзуи «Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ: назария, қонунгузорӣ ва татбиқи он дар амалия», ба ихтисоси интихобшуда пурра мутобиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз

рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мутобиқат мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима 3 боб 10 зербоб, хулоса ва руйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 то дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид буда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 3, 31 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1–М].** Шерализода С. Баъзе масъалаҳо оид ба татбиқи принсипи қонуният дар матни қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С. Шерализода // Қонунгузорӣ. – 2023. – № 2(50). – С. 175-183. ISSN 2410-2903.

**[2–М].** Шерализода С. Мафҳум ва хусусиятҳои принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ [Матн] / С. Шерализода // Идоракунии давлатӣ. – 2024. – № 1 (66). – С. 297-303. ISSN 2664-0651.

**[3–М].** Шерализод С.М. Таърихи рушди илмӣ ва назариявии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ [Матн] / С. Шерализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – №6. Қисми I. – С. 257-263. ISSN 2413-5151.

**[4–М].** Шерализода С. Танзими ҳуқуқии принсипи ногузирии ҷавобгарӣ дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С. Шерализода // Қонунгузорӣ. – 2024. – №4 (54). – С. 282-289. ISSN 2410-2903.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[5–М].** Сафарзода А.И., Шерализода С. Принсипи адолат ва мавқеи он дар низоми принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ [Матн] / А.И. Сафарзода, С. Шерализода // Маърифати ҳуқуқӣ омили муҳимми таҳкими давлатдории миллӣ: маводҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ (25-26 апрели соли 2024) – Душанбе, 2024. – С. 399-407.

**[6–М].** Сафарзода А.И., Шерализода С. Аҳаммияти илмӣ ва амалии таснифи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар қонуни ҷинояти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С. Шерализода // Маърифати ҳуқуқӣ омили муҳимми таҳкими давлатдории миллӣ: маводҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ (25-26 апрели соли 2024) – Душанбе, 2024. – С. 408-415.

**[7–М].** Шерализода С.М. Таҳлили ҳуққӣ-ҷиноятии принсипи адолат [Матн] / С.М. Шерализода // Маводҳои конфронси илмию амалии байналмилалӣ бахшида ба 30 - солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли “Маърифати ҳуқуқӣ” дар мавзуи “Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодаи арзишҳои умумимиллӣ”. – Душанбе, «ДБССТ», 2024. – С. 358-360.

**[8–М].** Шерализода С. Масъалаҳои ҳуқуқтатбиққунии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С. Шерализода // Маводҳои конфронси илмию амалии байналмилалӣ бахшида ба 30 - солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли “Маърифати ҳуқуқӣ” дар мавзуи “Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодаи арзишҳои умумимиллӣ”. – Душанбе: «ДБССТ», 2024. – С. 399-403.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид дар мавзуи «Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ: назария, қонунгузорӣ ва татбиқи он дар амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз

рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ кори такикии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид дар мавзуи «Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ: назария, қонунгузорӣ ва татбиқи он дар амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ 20 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» 20 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Суратҷаласа аз 04 апрели соли 2025, №8.

**Раиси ҷаласа:**
**Мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва**
**муқовимат бо коррупсияи факултети**
**ҳуқуқшиносии ДМТ, н.и.ҳ., дотсент** **Раҳмонзода М.Ҷ.**

**Котиби ҷаласа:** **Насриддинзода С.Н.**

**Имзоҳои Раҳмонзода М.Ҷ. ва Насриддинзода С.Н.-ро**
**ТАСДИҚ МЕКУНАМ:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

**«08» 04 2025 с.**

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj